“Тасдиқ мекунам”
Ректори Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
профессор А.И.Усмонзода
_______________
«24» 11 соли 2022

**ХУЛОСАИ**
**Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”**

Диссертатсияи Қаюмова Муҳайёхон Хуршедовна дар мавзуи “Татбиқи сиёсати саноатӣ дар иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)” аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) дар кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги факултети Иқтисодии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” омода гардида, мавриди муҳокима қарор гирифтааст.

Қаюмова М.Х. соли 2019 ба докторантураи (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодӣ (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)-и Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” дохил шуда, соли 2022 онро хатм намуд.

Мавзуи диссертатсияи Қаюмова Муҳайёхон Хуршедовна таҳти унвони “Татбиқи сиёсати саноатӣ дар иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғд) ” дар ҷаласаи шурои олимони Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” аз моҳи ноябри соли 2019, протоколи №4 тасдиқ шудааст.

Ҳамчун роҳбари илмӣ: Алиджанов Джамшед Абдуқаюмович д.и.и, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” тасдиқ шудааст.

Тадқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласаи якҷояи кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” аз санаи 30 сентябри соли 2022 ҷаласаи № 2 баррасӣ гардидааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи “Татбиқи сиёсати саноатӣ дар иқтисодиёти минтақа” (дар мисоли вилояти Суғд) хулоса қабул карда шуд:

**Арзёбии диссертатсияи унвонҷӯ.** Диссертатсияи Қаюмова Муҳайёхон Хуршедовна мубрам буда, кори мустақилона ва анҷомёфтаи тадқиқотӣ доир ба тараққиёти соҳаи саноат дар иқтисодиёти минтақа арзёбӣ гаштааст.

**Дараҷаи тадқиқоти анҷомдодашуда.**

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии Қаюмова Муҳайёхон Хуршедовна дар ҷараёни банақшагирии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Суғд,

махсусан принсип ва самтҳои афзалиятноки татбиқи сиёсати саноатӣ дар минтақа, ки мутобиқи он сиёсати саноатии минтақа баробарҳуқуқии шаклҳои моликият, озодии фаъолияти истеҳсолӣ, ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ дар бозори беруна бо назардошти таъмини эҳтиёҷоти истеъмолкунандагон, истифодабарии санадҳои таъсири мустақим ба корхонаҳои саноатӣ, истифодабарии усулҳои ғайримустақими дастгирии корхонаҳои саноатӣ, истифодабарии реҷаҳои гуногуни танзимкунӣ, инчунин густариши фаъолияти инноватсионӣ, ҳаракати сармоя барои таъминоти молиявии азнавсозии соҳаҳо байни бахшҳо ва минтақаҳо, таъминоти инвеститсионии тараққиёти корхонаҳои саноатӣ ва инфрасохтори истеҳсолӣ дар минтақа ба инобат гирифта шудааст.

**Мақсади таҳқиқот** дар асосноккунии назариявӣ ва истифодаи амалии иқтидори саноатии вилояти Суғд дар ҷараёни татбиқи саноатикунонии босуръати кишвар ифода меёбад.

Дастрасии мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ ва ҳалли як қатор масъалаҳои аз ҷиҳати илмӣ-методӣ ва амалӣ алоқамандро тақозо намуд, ки дар вазифагузорӣ ифода ёфтаанд.

**Муҳимияти мавзуи таҳқиқот**.

Фароҳам овардани шароити мусоид барои тараққиёти соҳаҳои саноати минтақавӣ ва такомули ҷараёни такрористеҳсол, зарурати дарёфти самти появии пешрафти татбиқи сиёсати саноатии минтақавиро тақозо менамояд, ки ба низоми пойдоргардидаи муносибатҳои иқтисодӣ мувофиқат намояд. Ҳалли чунин масъалаҳо мавҷудияти ҳадафҳои муайяни стратегиро талаб менамояд, ки самти тараққиёти соҳаҳои саноат барои пурзӯр намудани пояи моддӣ-техникӣ, таъсиси низоми идоракунии самаранок, васеъшавӣ ва такомули алоқаҳои хоҷагидории бозорӣ муқаррар карда шаванд. Бинобар ҳамин дар марҳилаи муосири тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати саноатии илман асоснокшуда барои минтақаҳо аҳамияти махсус дорад, ки бояд ба фаъолгардонии ҷараёни тараққиёти ҳама зинаҳои саноат равона карда шаванд. Дар ин ҷода ҳалли мушкилоти муайян намудани иқтидори имкониятҳои соҳаҳои саноат барои фаъолияти муваффақона дар шароити муосир диққати махсусро ба худ ҷалб менамояд. Чунин муносибат ба ташаккулёбӣ ва такомули сиёсати саноатӣ ва дарёфти роҳҳои нави тараққиётро дар ин соҳа муқаррар менамояд. Дар натиҷа нақш ва аҳамияти таҳлил ва баҳодиҳии вазъияти муосир ва иқтидори соҳаҳои саноати минтақа, истифодабарии самараноки онҳо афзоиш меёбад, ки аз ҳамаи онҳо пеш аз ҳама мустаҳкамии тараққиёти соҳаҳои саноат дар марҳилаи саноатикунонии босуръати кишвар вобастагӣ доранд.

Асосҳои назаривӣ ва методологӣ барои тараққиёти соҳаҳои саноати минтақаҳо дар шароити тағирёбии босуръати шароитҳои муҳити дохилӣ ва беруна, шиддатёбии таъсиррасонии ҷараёни ҷаҳонишавии иқтисодиёти ҷаҳонӣ, пешрафти илму техника, такомули омилҳои иҷтимоӣ ва дигаргуниҳои назаррас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он муҳим ва саривақтӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

**Вазифаҳои таҳқиқот дар ҳалли чунин масъалаҳои ифода меёбад:**

- муайян намудани табиат ва аҳамияти сиёсати саноатӣ дар тараққиёти саноати минтақа дар давраи муосир;
- аниқ намудани принсипҳои асосӣ ва ҳадафҳои тараққиёти саноати минтақа дар шароити тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо ва омӯзишу таҳлили таҷрибаи ҷаҳонии татбиқи сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба тараққиёти соҳа;
- бо истифода аз таҳлили эмпирики муққарар намудани вазъи феълии саноати вилояти Суғд дар шароити муосир ва бо назардошти таҳлили маълумоти зарурии оморӣ, баҳогузорӣ намудани иқтидори истеҳсолии соҳаҳои саноати минтақа;
- таҳлил ва баҳодиҳии сатҳ ва самаранокии истифодаи омилҳои истеҳсолот дар тараққиёти саноати минтақа;
- муайян намудани ҳадафҳо ва намудҳои имконпазири амалигардонии таҷдиди соҳаҳои саноати вилояти Суғд;
- асоснок намудани татбиқи диверсификатсияи истеҳсолоти саноатӣ дар минтақаи вилояти Суғд бо дарназардошти муқаррар намудани самтҳои мустаҳкамгардонии иқтидори иқтисодии тараққиёти саноати минтақа.

**Иштироки шахсии муаллиф дар ҷараёни ба даст овардани натиҷаҳои дар рисола баён шуда.**

Диссертатсия кори илмӣ-тадкикотии мустакилонаи муаллиф мебошад. Аз тарафи унвонҷӯ муҳимияти мавзӯъ аз нуктаи назарияи иқтисодиёти минтақавӣ , ҳадаф ва масъалаҳои тадқиқот муқаррар карда шуда, дар асоси коркарди ҳолатҳои назариявию методологӣ зарурати истифодаи иқтидори тараққиёти саноати вилояти Суғдро исбот намуда, роҳҳои истифодабарии самараноки омилҳои мавҷударо дар самти пешрафти соҳаҳои мухталифи саноати минтақавӣ ва коркардҳои илмӣ доир ба такомули амалигардонии сиёсати саноатии минтақавӣ барои татбиқ пешкаш карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар инкишофи илмии иқтисодиёти минтақавӣ ва илова ба он бо воситаи коркарди ҳолатҳои методологӣ оиди истифодабарии оқилонаи омилҳои асосии тараққиёти саноати минтақа, ва асоснок намудани мавҷудият ва ҳаматарафа истифодабарии иқтидори мавҷудбуда саноатӣ дар минтақаҳо, ба эътибор гирфтани хусусиятҳои иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ ва иҷрои вазифаҳои нави таъмини рушди устувори минтақаҳо ифода меёбад. Аҳамияти амалии тадқиқот дар истифодабарии тамоми захираҳои инкишофи саноати минтақавӣ дар ҳолати амалигардонии барномаҳои давлатии рушди саноат дар панҷсолаи (солҳои 2022-2026), барномаҳои дурнамои тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҳудудҳои маъмурии вилояти Суғд ифода меёбад.

**Дурустии натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои асосӣ.**

Барои шароити муосири минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон алалхусус барои вилояти Суғд амалигардонии сиёсати саноатӣ бояд барои чунин ҳадафҳо мусоидат намояд: инкишофи истеҳсолоти рақобатпазир дар минтақа ва нигоҳдории афзалиятҳои рақобатпазирӣ дар бозорҳои беруна; ташкили

истеҳсолоти молҳои ивазкунандаи воридот бо мақсади коҳиш додани вобастагии иқтисодиёти миллӣ ва минтақавӣ аз воридоти молҳои хориҷӣ; марҳила ба марҳила гузариш ба истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда.

Соҳаҳои саноат дар асоси татбиқи сиёсати саноатӣ татбиқи чунин ҳадафҳои асосӣ заруранд: фаъолияти инноватсионӣ, ки барои ҳамкории сохторҳои соҳибкорӣ ва илмӣ-инноватсионӣ, ташаккулёбии рағбатҳои инноватсионӣ барои фаъолияти хоҷагидорӣ, муқаррар намудани самтҳои тараққиёти инноватсионӣ дар минтақаҳо; сиёсати саноатие, ки ҳаракати сармояро барои таъминоти молиявии азнавсозии соҳаҳо байни бахшҳо ва минтақаҳо дар назар дорад; таъминоти инвеститсионии тараққиёти корхонаҳои саноатӣ ва инфрасохтори истеҳсолӣ дар минтақа.

**Навгонии тахкикот** дар коркарди самтҳои асосии татбиқи сиёсати саноатии минтақавӣ ва пешниҳоди такомули истифодабарии омилҳои тараққиёти соҳаҳои саноат муқаррар карда шудаанд. Нуктаҳои асосие, ки навгонии илмии диссертатсияро ифода мекунанд, аз инҳо иборатанд:

- табиати сиёсати саноатии минтақавӣ муайян карда шудааст, ки бо худ маҷмӯи чораҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва ғайраҳоро дар назар дорад, ки барои инкишофи иқтидори саноатӣ дар мамлакат ва минтақаҳои он равона карда шуда, истеҳсолоти маҳсулоти рақобатпазири саноатиро таъмин намуда, татбиқи он аз самт ва суръати тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа, ҳаҷми буҷети он, муҳити рақобатӣ, вазъияти экологӣ, иқтидори захиравӣ, инкишофи инфрасохтор, инчунин бодарназардошти сиёсати инвеститсионии минтақа муқаррар карда мешавад.
- принсип ва самтҳои афзалиятноки татбиқи сиёсати саноатӣ дар минтақа муқаррар карда шудаанд, ки мутобиқи он ба принсипҳои асосии сиёсати саноатии минтақа баробарҳуқуқии шаклҳои моликият, озодии фаъолияти истеҳсолӣ, ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ дар бозори беруна бо назардошти таъмини эҳтиёҷоти истеъмолкунандагон, истифодабарии санадҳои таъсири мустақим ба корхонаҳои саноатӣ, усулҳои ғайримустақими дастгирии корхонаҳои саноатӣ, реҷаҳои гуногуни танзимкунӣ. Самтҳои афзалиятноки тараққиёти соҳаҳои саноат дар асоси татбиқи сиёсати саноатӣ чунин ҳадафҳои асосиро фарогир мебошад: фаъолият инноватсионӣ, ҳаракати сармоя барои таъминоти молиявии азнавсозии соҳаҳо байни бахшҳо ва минтақаҳо, таъминоти инвеститсионии тараққиёти корхонаҳои саноатӣ ва инфрасохтори истеҳсолӣ дар минтақа.
- дар натиҷаи таҳлили эмпирикӣ хусусиятҳои истифодабарии иқтидори саноатии вилояти Суғд муайян карда шудаанд. Исбот карда шудааст, ки баҳри истифодабарии иқтидори саноатии вилояти Суғд зарурати инкишофи он дар асоси истифодабарии омилҳои экстенсивӣ таъмин карда шавад; тараққиёти саноати вилояти Суғд дар самти ғанигардонии бозори дохилӣ бо молҳои истеъмолӣ бо дарназардошти баромадан ба бозори беруна дар ояндa ба назар мерасад; оид ба зарурати кооператсия ва махсусгардонии маконҳои истеҳсолоти саноатӣ хулосабарорӣ карда шудааст.

• асоснок карда шудааст, ки бо дарназардошти самараи синергетикӣ, истифодабарии оқилонаи омилҳои истеҳсолот ба воситаи натиҷаҳои фосилавӣ метавонад ба натиҷаҳои ниҳоӣ, яъне ба баланд намудани рақобатпазирии маҳсулот, афзоиши ҳаҷми фурӯш ва баланд намудани даромаднокии корхона оварда расонанд, ки дар интиҳо самаранокии истеҳсолоти саноатӣ бо назардошти истифодаи оқилонаи тамоми омилҳои истеҳсолот ва алоқамандии дурусти онҳо ба афзоиши самаранокии истеҳсолот муосидат менамояд.

• муқаррар карда шудааст, ки барои амалигардонии чораёни таҷдиди соҳаҳои саноат дар минтақаҳо таъминоти корхонаҳои саноатӣ бо мутахассисони соҳибтаҷриба, менеҷерони навовар ва истифодаи амалии бизнес-банақшагирӣ зарур мебошад, ки дар ин самт диққати бештар ба баланд намудани сифати сармояи инсонӣ, дастовардҳои илмии олмимони ватанӣ, омода намудани иқтидори кадрии минтақавию ҷумҳуриявӣ, навовариҳои технологӣ, намудҳои нави менеҷмент ва таъмини муҳити мусоид барои ҷалби техника ва технологияи хориҷӣ такя намудан зарур буда, ҳангоми таҷдиди соҳаҳои саноати вилояти Суғд чараёнҳои ҳамгироӣ дар чорчӯбаи иштироки корхонаҳо ва соҳаҳои саноати минтақа дар корпоратсияҳои трансмиллӣ ва бисёрмиллата мавқеи махсус доранд.

• муайян карда шудааст, ки барои васеъшавии макони истеҳсолии маҳсулоти саноати сабук ва хӯрокворӣ вилояти Суғд афзалиятҳои муайян дошта, дар ин васила барқарор намудани фаъолияти истеҳсолии пахтатозакунӣ, истеҳсоли шоҳибофӣ, коркарди меваю сабзавот, қолинбофӣ, истеҳсоли матоъҳои гуногун, пойафзолдӯзӣ ва намудҳои гуногуни хӯрокворӣ метавонад диверсификатсияи сохтории саноатиро дар минтақа таъмин намуда, барои таъсис додани сохтори самараноки диверсификатсияшудаи саноат, инкишофи бештари он соҳаҳо ва намудҳои истеҳсолот, ки дар дохили кишвар дорои рақобатнокии муқаррарӣ мебошанд мусоидат намояд.

**Мутобиқи диссертатсия ба ихтисос ва самти илмӣ.**

Натиҷаҳои тадқиқот ба Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мутобиқат мекунад.

Маҷлиси васеи шурои олимони факултети иқтисодии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" дар ҳайати муққаризон:

- доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Азимов Абдумавлон Ҷалилович;
- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедараи иқтисодиёти ҷаҳони Муасссисаи таълимии давлатии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Шарипова Дилафрӯз Маҳмудовна.

## Рӯйхати корҳои илмӣ- тадқиқотии муаллиф (бо забони аслӣ)

### А) Дар нашриёҳои тақризшаванда

[1-М] Қаюмова, М.Х. Баҳодиҳии иқтидори истеҳсоли соҳаҳои саноати вилояти Суғд [Матн] / Дж.А. Алиджанов, М.Х. Қаюмова // Паёми ДМТ" Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ. №9.- Душанбе, 2022.- С. 78 – 85. ISSN 2413-5151

[2-М] Қаюмова, М.Х. Асосҳои назариявӣ ва хусусиятҳои тараққиёти саноати минтақа [Матн] / М.Х. Қаюмова // Номаи Донишгоҳ МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" №3 (58).- Хуҷанд, 2021.- С. 150 -153. ISSN 2077-4974

[3-М] Қаюмова, М.Х. Хусусиятҳои тараққиёти саноати вилояти Суғд дар шароити муосир. [Матн] / М.Х. Қаюмова // Паёми ДМТ Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ №7. - Душанбе, 2021.- С. 121 – 127. ISSN 2413-5151

[4-М] Қаюмова, М.Х. Таҷрибаи ҷаҳонии татбиқи сиёсати саноатӣ ва аҳамияти онҳо барои Тоҷикистон. [Матн] / М.Х. Қаюмова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав № 4. - Бохтар, 2022. - С. 193-196.

### Б) Дар дигар интишорот

[5-М] Қаюмова, М.Х. Развитие промышленности региона на программную основу [Матн] / М.Х. Қаюмова // Фишурдаи маводи конфронси сеюми илмӣ – амалии вилоятии магистрантон бахшида ба 30 – солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи ҷавонон Худжанд. (20-го мая 2020г.).- С. - 109-111.

[6-М] Қаюмова, М.Х. Пешрафти саноати минтақа [Матн] / М.Х. Қаюмова // Фишурдаи маводи конфронси сеюми илмӣ – амалии вилоятии магистрантон бахшида ба 30 – солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи ҷавонон (26-уми майи соли 2021).- С. 102-104.

[7-М] Қаюмова М.Х. Саноати минтақа дар шароити муосир [Матн] / М.Х. Қаюмова // Фишурдаи маводи конфронсияи сеюми илмӣ – амалии вилоятии магистрантон бахшида ба 30 – солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рӯзи ҷавонон. (26-уми майи соли 2021). - С. 99 – 102.

[8-М] Қаюмова М.Х. Основные принципы и цели промышленного развития региона [Текст] / М.Х. Қаюмова // Формирование благоприятного инвеститционого климата в условиях ускоренной индустриализации страны. "Международная научно – теорическая конфронция, посвященная 35- летию государственной Независимости Республики Таджикистан и провозглашению 2022 – 2026 "Годами развития промышленности (27-го мая 2022г.). С.- 426 – 430.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Қаюмова Муҳайёхон Хуршедовна дар мавзуи "Татбиқи сиёсати саноатӣ дар иқтсодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) пешниҳод гардидааст, тадқиқоти илмӣ-тахассусии самти иқтисодӣ буда, бахри тараққиёти соҳаҳои саноат дар иқтисодиёти минтақа муҳим арзёбӣ мегардад. Он ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба чунин корҳо ҷавобгӯ мебошад.

2. Бо дарназардошти аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда, тақризи роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Алиджанов Дж.А., тақризҳои мусбати муқарризони холис –д.и.и., профессор Азимов А.Ҷ., н.и.и., дотсент Шарипова Д.М., диссертатсияи Қаюмова Муҳайёхон Хуршедовна дар мавзуи "Татбиқи сиёсати саноатӣ дар иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғд) ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА- 013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

3. Иҷрои қарори мазкури шурои олимони факултети иқтисодии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ба декани факултет, раиси маҷлис, н.и.и., дотсент Нуриддинова М.И. гузошта мешавад.

Хулоса дар маҷлиси васеи шурои олимони факултети иқтисодии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" қабул карда шуд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:
"тарафдор" - 19 нафар
"зид" - нест
"бетараф" - нест

Протоколи № 3 аз 24 ноябри соли 2022 тасдиқ гардидааст.

**Раиси Шурои олимони факултети Иқтисодии**
Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров"
Декани факултет
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Нуриддинова М.И.**

**Котиби Шурои олимони факултети Иқтисодии**
Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров" **Зоидова Т.М.**

**Муқарризони холис:**
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии ДИСДДТТ — **Азимов А.Ҷ.**

Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" — **Шарипова Д.М.**

Имзои Азимов А.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям.
**Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси** ДИСДДТТ — **Маҳмудов Ш.У.**

Имзои Нуриддинова М.И., Зоидова Т.М. ва Шарипова Д.М.-ро тасдиқ менамоям.
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" — **Наврӯзов Э.М.**

**Суроға:**
735700, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
телефон: 6-52-73, 6-47-39
факс: 6-75-18; rector@hgu.tj